# 45766 - Агар аз номи дигар кас ҳаҷ кунад, оё фазилатҳои ҳаҷро ба даст меорад?

**савол**

Агар инсон аз номи дигар кас ҳаҷ кунад, оё (мукофоти) он чизеро, ки паёмбар дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод (дар ҳадиси зерин) зикр кардааст, дарёфт мекунад: «Касе, ки ҳаҷ кунад ва аз ҳамбистарӣ ва муқаддамоти он худдорӣ намояд (ва бадгӯӣ накунад) ва муртакиби гуноҳе нашавад, ба монанди рӯзе, ки модараш ӯро таваллуд кардааст, (яъне пок аз гуноҳон) бармегардад»?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҷавоби ин савол аз ин чиз вобаста аст: Оё ин шахс аз номи худ ҳаҷ кардааст ё аз номи каси дигар?

Ҷавоб:

Ӯ аз номи каси дигар ҳаҷ намудааст ва аз номи худ ҳаҷ накардааст, бинобар ин, он савоберо, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) зикр кардааст, ба даст намеорад, зеро ӯ ҳаҷро аз номи дигар кас анҷом додааст. Аммо агар бо нияти кӯмак ба бародараш ва баровардани эҳтиёҷоти ӯ ҳаҷ кунад, Аллоҳ таъоло ба ӯ савоб медиҳад, иншоаллоҳ. Поёни сухан.